# ШОДБОШӢ

Дониш инсонро сарбаландӣ, рӯйсурхӣ, шарафу некномӣ, саодатмандӣ, бениёзию озодӣ, комёбию комгорӣ, фараҳу шодӣ, сарвату давлату дорой медиҳад. Доно дар ҳар куҷо баиззат ва нодон дар зиллат аст. Донишу маърифат омили муҳимтарини рушди шахсият ва ҷамъият ҳисоб мешавад. Бахусус дар асри навин, дар замони нанотехнология ва рушди босуръати илму техника кас наметавонад бе таҳсили донишҳои зурурӣ дар ягон соҳаи ҳаёт пешраву муваффақ гардад.

Имрӯз асосҳои донишро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи дарёфта, пасон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ онро метавон такмил дод. Боиси хушнудист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи илму маорифро соҳаи афзалиятноки мамлакат эълон доштааст ва барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таваҷҷуҳи шоиста ва пайваста зоҳир намуда, тадбирҳои зарурииро дар ин самт меандешад. Роҳандозӣ намудани низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҷумлаи он тадбирҳост. Ин низом ҳам барои таҳкиму тақвияти дониши донишомӯзон ва дар оянда омода намудани кадрҳои болаёқат ва ҳам барои аз байн бурдани ришвахорию тақаллубкорӣ дар қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбии кишвар нақшу саҳми назаррас хоҳад дошт. Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурӣ дар суханронииашон ҳангоми кушодашавии Маркази миллии тестӣ иброз доштанд: “Таҷрибаи кишварҳое, ки чунин тартиби қабули имтиҳонҳоро ҷорӣ кардаанд, нишон медиҳад, ки низоми мазкур барои интихоби шогирдони сазовори номи донишҷӯй, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва сатҳи азхудкунии дониш, хулоса, дар ҷодаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ нақши муҳим мебозад”.

Ҳарчанд Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола хубу пайваста корҳои иттилоотию тарғиботиро роҳандозӣ мекунад, вале натиҷаи бақайдгирии довталабон ва имтиҳоноти марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбии кишвар нишон медиҳад, ки то ҳол на ҳамаи довталабон ва падару модарон аз моҳияту хусусиятҳои ин низом

огоҳанд. Барои мувофиқи матлаб шинос кардани довталабон, падару модарон ва дигар алоқамандон бо хусусияту афзалиятҳои имтиҳоноти тестӣ ва умуман, бо низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, тарғибу таблиғ ва интишори иттилооти дахлдор дар ин роҳ таъсис ва нашри маҷаллаи иттилоотию методӣ ва илмии "Довталаб" бамавқеъ аст. Умед аст, ки бо табъу нашри ин маҷалла барои Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри амалӣ гардонидани сиёсати Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва баланд бардоштани маърифати илмии довталабону алоқамандони таҳсилот шароити мусоид ва имкони бештар ба вуҷуд меояд.

Рустани боз як гуле дар бӯстони матбуоти маорифи кишвар – таъсису нашри **маҷаллаи иттилоотию методӣ ва илмии "Довталаб"**-ро ба ҳайати эҷодии он ва ҳамаи кормандони Маркази миллии тестӣ сидқан табрику таҳният гуфта, дар кору ҳаёташон комёбию комгориҳо орзумандам.

**Саид Нуриддин,**
вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон